«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДМТ, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
«___25___» ______________2020

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

доир ба диссертатсияи Каримов Кароматулло Давламадович дар мавзӯи «**Фалсафаи забон (дар мисоли забони тоҷикӣ аз асрҳои миёна то имрӯз)**» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа.

Диссертатсияи Каримов Кароматулло Давламадович «**Фалсафаи забон (дар мисоли забони тоҷикӣ аз асрҳои миёна то имрӯз)**» дар кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ анҷом дода шудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Каримов Кароматулло Давламадович ҳамчун унвонҷӯи кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ба ҳисоб мерафт. Муаллифи диссертатсия аз соли 2016 то то имрӯз дар вазифаи ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ фаъолият мекунад.

Соли 2014 факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикисон ба номи С.Айниро аз рӯи ихтисоси забони англисӣ хатм кардааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2020 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти № 4113 дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Зиёев Идибек Ғозиевич, доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати ДМТ.

Ҷаласаи кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа Каримов Кароматулло Давламадовичро дар мавзӯи «Фалсафаи

забон (дар мисоли забони тоҷикӣ аз асрҳои миёна то имрӯз) » таҳлилу баррасӣ намуда, хулосаи зеринро қабул кард:

Диссертатсия кори илмии комилу анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳамияти назарию амалӣ ва навгониҳои илмӣ мебошад. Муаллиф пажӯҳиши пурдомана ва муфассалеро дар сатҳи хуби илмӣ анҷом додааст.

Рисолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳими фалсафа, фалсафаи забон бахшида шудааст. Аҳамияти омӯзиши фалсафаи забон дар заминаи таҳқиқоти эпистемологии даврае, ки аз ҷониби мо дар доираи назариявии фалсафаи забон дар мисоли забони тоҷикӣ муқаррар шудааст, бояд махсус таъкид карда шавад. Истилоҳи "фалсафаи забон" дар матлабҳо ва муҳокимаҳои фалсафӣ асосан дар ибтидои асри гузашта, ки усули таҳлили фалсафиро ҳамчун синтези таҳлили филологӣ, забоншиносӣ ва адабӣ пешниҳод кардааст, ба миён омад. Аммо, мусаллам аст, ки худи фалсафаи забон тӯли асрҳо ташаккул ёфта, таҳаввулоти муайянро бо равишҳои мушаххаси фалсафӣ аз сар гузаронидааст. Бо вуҷуди ин, фалсафаи забон аз давраи қадим то замони мо ҳанӯз такмил наёфтааст ва аз ин рӯ, фаҳмиши амиқи консепсияҳои фалсафӣ-забоншиносӣ дар заминаи таърихӣ-фалсафии он бе таҳлили ҳамаҷонибаи андешаҳои мутафаккирони даврони пешин ва имрӯз ғайриимкон аст.

Дар доираи илмии Тоҷикистони имрӯза то ба ҳол ягон таҳқиқоти бунёдиро дар соҳаи фалсафаи забон ва заминаи раванди таърихӣ ва фалсафии он нишон додан амри маҳол аст. Таҳқиқоти фалсафаи забон, ки то асри XIV-XVI аз ҷониби мутафаккирони классики тоҷик анҷом гирифтааст, як ҷузъи таркибии рисолаҳои фалсафиашон буда, вобаста ба масъалаҳои муштарак бо фалсафа, монанди мартабаи забон дар байни илмҳои дигар, мақоми он дар сохтори тафаккур ва идрок, дар маърифати ашё ва ғайра сурат мегирад. Аз ин ҷо, омӯзиши осори ин мутафакирон дар робита бо талаботи замони муосир ба фалсафаи забон ҳамчун мавзуи рисолаамон ҳақиқатан ба соҳаи ниҳоят мубрам ва аҳамиятноки таҳқиқоти илмӣ бахшида мешавад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар таҳқиқоти илмии диссертант аз усул ва равишҳои маъмули илмҳои ҷомеашиносӣ самаранок истифода кардааст. Дар натиҷаи таҳлили назариявии масъалаи таносуби забон ва тафаккур, фалсафаи забон дар таносуби он бо забони фалсафа, забони миллӣ дар сарҳати ҳувияти миллӣ, шинохти забони тоҷикӣ ва фалсафаи он, анъанаҳои таҳлили илмию адабӣ ва ҷусторҳои забони фалсафии тоҷикӣ ва таҳаввулоти забони илмӣ ва фалсафии тоҷикӣ дар шароити ҷаҳонишавии фарҳангҳо таҳқиқоти арзандаеро пешниҳод кардааст. Аз ҷумла, дар рафти таҳқиқ муаллиф аз усулҳои таҳлил, таркиб, таҷрид, индуксия, дедуксия, муқоиса, умумиятдиҳӣ ва ғайра воситаҳои умумиилмӣ ва ҳамчунин аз усулҳои таърихӣ-муқоисавӣ, ягонагии мантиқию таърихӣ, гипотетикӣ-аксиоматикӣ васеъ истифода намудааст.

Дар даҳсолаҳои охир дар фалсафа ва дар маҷмӯъ - дар илми муосир тамоюл ба сӯи ҳамгирои (конвергенсия)-и равишҳои фалсафии дар гузашта антагонистӣ ва эҳёи онҳо дар замони муосир ба миён омадааст. Натиҷаи ин раванд ташаккул ёфтани мактабҳои нави фалсафӣ, бахусус фалсафаи куллӣ (универсалӣ) мебошад. Дар чаҳорчӯбаи он инсон ҳамчун як объекти мегаэволютсионӣ – ҳолати сифатан нави ноосфера зуҳур мекунад. Дар робита бо ин, забон ҳамчун як воситаи ғайрибиологии таҳқиқоти иҷтимоии меросгузорӣ ва моддипазирии иттилооти ормонӣ, ки дар тафаккури инсон мустақарр аст, баррасӣ мешавад. Чунин муносибат ба моҳияти ин падида омӯзиши амиқтари таҳқиқоти қаблиро дар соҳаи диалектикаи забон ва тафаккур тақозо мекунад, то ҷойгоҳи забон ҳамчун падида дар тасвири илмии ҳозиразамони ҷаҳони мавҷуда дақиқ карда шавад.

Масъалаҳои зикршударо муаллиф дар рисолааш ба таври мушаххас мавриди таҳқиқ қарор додааст.

**Мақсад ва вазифаҳои кори таҳқиқотӣ** хеле дуруст муайян гардидааст. Маҳз аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои таҳқиқот муайян мегарданд. Зимни пажӯҳиш ба ҷуз аз методҳои назариявӣ ва умумиилмӣ,

усулҳои герменевтикӣ, аксиологӣ, мантиқияту таърихият ва ғайра мавриди ба таври самаранок истифода шудаанд.

**Ҷанбаи назариявиву амалӣ ва навоварии кор.** Таҳқиқоти рисолаи номзадӣ ба омӯзиши таърихи фалсафаи забон мутааллиқ аст, ки таҳаввулоти самтҳои онро нишон дода, метавонад ба рушди минбаъдаи ин соҳаи фалсафа, таҳияи консепсияҳо ва фарзияҳои нав мусоидат намояд. Аҳамияти амалии таҳқиқот бо қабулиҚонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 5 октябри соли 2009 таҳти № 55 ба имзо расидааст, тасдиқ шуда, ҳадафи он тарғиби забони модарӣ ҳамчун "пояи бунёди ҳувияти шаҳрвандӣ", такмили ваҳдати фарҳангӣ ва ташкили муколамаи самарабахши фарҳангӣ тасдиқ мегардад. Маводҳои ин таҳқиқотро барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дарсҳои таълимӣ ва лексияҳо на танҳо дар фалсафа, балки дар назарияи забон низ истифода бурдан мумкин аст. Илова бар ин, натиҷаҳои онро дар корҳои илмию таҳқиқотӣ барои омӯзиши амиқи таърихи фалсафаи забон, масъалаҳои робитаи байни забон ва тафаккур, инчунин самтҳои проблемаҳои илмҳои ҳамсон (забоншиносӣ, фарҳангшиносӣ, таърих) истифода бурдан мумкин аст.

Таҳлилҳо ва истифодаи маводу сарчашмаҳои навин, ки дар ин кори илмӣ оварда шудаанд, имкон доданд, ки масъалаи фалсафаи забон ҳамаҷониба мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор гирад ва, нуқтаҳои зерин ошкору равшан гарданд:

- хусусиятҳои назариявии фалсафаи забон дар таносуби забон ва тафаккур аз диди мактабҳо ва намояндагони гуногуни онҳо ва имконияти мутобиқати онҳо ба тафаккур ва забони тоҷикӣ баррасӣ мешавад;

- таъсири ақоиди мутафаккирони гузаштаи Ғарб ва исломӣ дар пайдоиш ва таҳаввули фалсафаи забон ва густариши забони фалсафӣ муайян гардидааст;

- аз нигоҳи назариявӣ-методологӣ баррасии масъалаҳои фалсафии таҳқиқот тавассути забони фалсафии тоҷикӣ аввалин маротиба ба иҷро расидааст;

- бори нахуст анъанаҳои таҳлили илмию адабӣ ва ҷусторҳои забони фалсафии тоҷикӣ дар доираи як рисолаи мукаммал ба иҷро расидааст;

- дурнамо ва таҳаввулоти забони илмӣ ва фалсафии тоҷикӣ дар шароити ҷаҳонишавии фарҳангҳо ва таъсири мутақобилаи онҳо асоснок карда шудааст.

**Натиҷаҳои бадастоварда** ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро метавон минбаъд барои иҷрои таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи фалсафа, инчунин ҳангоми таҳия кардани маҷмӯаҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба фалсафаи тоҷик мавриди истифодабарӣ қарор дод. Илова бар ин, маводи рисолаи мазкур, натиҷа ва хулосаҳои онро ҳангоми хондани курсҳои махсус ва тадриси таърихи фалсафаи тоҷик, фалсафаи табиат, онтология ва назарияи маърифат, мафҳумҳои бунёдии фалсафа низ метавон истифода намуд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро фаро гирифтаанд.

Мақолаҳои нашрнамудаи Каримов К.Д. дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М] Каримов К.Д. Забони миллӣ дар таносуб бо ҳуввияти миллӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафа №4 Душанбе, 2020. С. 135-140

[2-М] Каримов К.Д. Масъалаи шинохти забони тоҷикӣ дар доираи фалсафаи он // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бахши илмҳои фалсафа №5. Душанбе, 2020. С.145-151.

[3-М] Каримов К.Д. Рушди анъанаҳои таҳлилии илмию адабӣ дар пайи ҷусторҳои забони фалсафии тоҷикӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафа №6. Душанбе, 2020. С. 113-118.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Каримов Кароматулло Давламадович дар мавзӯи «**Фалсафаи забон (дар мисоли забони тоҷикӣ аз асрҳои миёна то имрӯз)**» кори илмии комилу анҷомёфта мебошад, ки ба ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа пурра мувофиқат дорад ва онро метавон барои ҳимоя тавсия намуд.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи онтология ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид. Дар ҷаласа иштирок карданд 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушода, ҷиҳати ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи Каримов Кароматулло Давламадович ба тариқи зайл сурат гирифт:

тарафдор - 11 нафар; зид - нест, бетараф нест. Суратҷаласаи №6 аз 23.12.2020.

**Мудири кафедраи онтология**
**ва назарияи маърифати ДМТ, ______________ д.и.ф., Худойдодзода Ф.Б.**

Котиб:
**Муаллими калони кафедраи онтология**
**ва назарияи маърифати ДМТ, ______________ н.и.ф., Қаландаров М.И.**

Имзои Худойдодзода Ф.Б. ва Қаландаров М.-ро тасдиқ мекунам:
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДМТ ________________ Тавқиев Э.**

«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДДОТ ба
номи Садриддин Айнӣ
профессор
__________ И.У.Ғаффорӣ
«__13__» __10__ __2020__

**Хулосаи**
**кафедраи фалсафа доир ба диссертатсияи Каримов Кароматулло Давламадович дар мавзӯи «Фалсафаи забон (дар мисоли забони тоҷикӣ аз асрҳои миёна то имрӯз)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 090003 – таърихи фалсафа**

Кафедра дисссертасияи Каримов Кароматулло Давламадович дар мавзӯи «Фалсафаи забон (дар мисоли забони тоҷикӣ аз асрҳои миёна то имрӯз)»-ро таҳлилу баррасӣ намуда, дар асоси хулосаи муқарризони расмии таъйиншуда аз ҷониби кафедра хулосаи зеринро қабул намуд:

Диссертатсяи кори илмӣ комилу анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳамияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Муаллиф пажӯҳиши васеъ ва муфассалеро анҷом додааст, ки он дар сатҳи хуби илмӣ таҳия гардидааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар тадқиқоти илмӣ унвонҷӯ аз усул ва равишҳои маъмули илмҳои ҷомеашиносӣ истифода намуда, фалсафаи забон ва масъалаҳои тафаккур ва забонро мавриди таҳқиқ қарор дода, натиҷаҳои назарраси илмиро ба даст овардааст. Муаллиф доир ба мафҳумҳои калидии тадқиқот – Фалсафаи забон, таносуби забон ва тафаккур, забони фалсафӣ, забони миллӣ, таҳаввулоти забони илмии фалсафаи тоҷик, ҷаҳонишавии фарҳангҳо ва ғайраро муфассал маълумот дода, ба воситаи методологияи дурусти илмӣ мавзӯро таҳлил намудааст.

Муҳаққиқ дар омода намудани диссертатсия аз асарҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ фаровон истифода намуда, мавқеи хешро оиди масъалаҳои баҳсноки илмӣ дақиқ муайян намудааст. Дар рафти таҳқиқ муаллиф аз усулҳои таҳлил, таркиб, таҷрид, индуксия, дедуксия, муқоиса, умумиятдиҳӣ ва ғайра васеъ истифода намудааст.

Таҳқиқоти илмӣ дар доираи таърихи фалсафа, мантиқ, забоншиносӣ, тавсифи низомноки – маҷмӯи методологияи онро имконият барои таҳқиқи ҳаматарафаи масъалаи фалсафаи забон ва тафаккури фалсафӣ анҷом дода шудааст.

Мақсад ва вазифаҳои кори тадқиқотӣ мувофиқ ба талабот муайян гардида, ҳамоҳанг бо қисмати навгониҳо ва қисмати ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд. Зимни пажӯҳиш методҳои назариявӣ ва

амалии донишҳои илмӣ, аз ҷумла мушоҳида, муқоиса, санҷиш, таҳлил ва таркиб, коркарди мавод, усули герменевтикӣ, аксиологӣ ҷамъбастнамоӣ, воқеъбинӣ, илмият, мантиқият, таърихият ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Аз ин рӯ, маводи пешниҳодшуда инъикоскунандаи аслияти тавсифи воқеият аст.

Муаллиф дар раванди таҳқиқи илмӣ иштироки фаъол намудааст. Ҳангоми муайян намудани мақсадҳои асосӣ, тадқиқотҳои назариявии ба дастоварда ва роҳҳои ҳалли натиҷаю хулосавии он иштирокчӣ ва саҳмгузор буд. Инчунин, дар як қатор мақолаҳои хеш оид ба мавзӯи таҳқиқотии хеш ибрози назар намудааст.

Ҷанбаи назарияви ва амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки: дар он кӯшиш карда шудааст, то дар асоси таҳлили маводи муътамади мавҷуда, таҳлили ҳолати таҳқиқоти масъалаи воқеият дар фалсафаи забон ва ташаккул додани консепсияи мабдаии муносибати забон (ҳамчун воситаи зарурии рушди тафаккур) ба олами даркшаванда ба миён меояд. Дар рисола ба масъалаҳои меҳварӣ ки чун навоварӣ эътироф мегардад, барои ҳимоя ба тариқи зайл пешбарӣ карда мешавад:

**Нуктаҳои меҳварие, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд.**

1. Масъалаи тафаккур ҳамчун инъикоси воқеият ин пеш аз ҳама, масъала дар бораи мавҷуди қобили андешаронӣ аст. Дар навбати худ, вуҷудияти андеша бе забон имкон надорад. Тафаккури инсон, ки дар ниҳояти кор тавассути зеҳн ва ақл ҷамъбаст мешавад, бо забон робитаи зич дошта, забон ҳамчун воситаи вуҷудияти шуур ё идрок муаррифӣ мегардад. Аз ҷониби дигар, забон бо тафаккур ва идрок робитаи қавӣ дорад, аммо айнияти онҳо нест: андеша инъикоси воқеияти ҳақиқӣ буда, забон бошад, воситаи ифодаи он маҳсуб меёбад. Забон ҳам яке аз фаъолиятҳои олии зеҳн аст, ки вуҷудияти он ба сохтори дастгоҳи асабии инсон пайванд аст;

2. Фалсафаи забон – соҳаест, ки дар он масоили фалсафӣ дар бораи забон мавриди баҳс қарор мегиранд ва забоне, ки бо он ҳарф мезанем, аз нигоҳи фалсафӣ баррасӣ мешавад. Дар муқоиса бо забоншиносӣ, фалсафаи забон ҳамаи забонҳоро ҳамчун воҳиди томми ягона меҳисобад ва дар ҷустуҷӯи қонуниятҳоест, ки барои ҳамаашон умумӣ мебошанд. Забони фалсафа душвору печида аст. Забон дар рӯйкарди фалсафӣ асосан бар ҳасби таҳлили назарӣ ва мубтано бар усули мавзӯи он интизоъӣ (абстрактӣ), таҳлилӣ ё ба навъи ҳамшабаҳи ин ду усул мавриди таҳқиқ қарор мегирад ва на бар асоси додаҳои ҳиссӣ ва баррасии таҷрибавии маҳз, ё майдоне холис ва амсоли он;

3. Ҳувияти фарҳангӣ ҳамаи он чизҳоеро, ки ба худи инсон, ба амвол, низоми эътиқодот ва эҳсоси худписандӣ (ба маънои мусбаташ) пайванд аст, фаро мегирад. Дар ин фаъолиятҳо забон ҷузъи ҷудонашавандаи ифодаи фарҳанг ва ҷанбаи асосгузори худшиносии фарҳангӣ ба ҳисоб меравад. Забон воситаест, ки ба воситаи он мо “ман”-и худамонро аз насл ба насл интиқол медиҳем, маҳз тавассути он мо ифодагари фарҳангамон ва арзиши

он мебошем. Забони умумимиллӣ ва муносибати умумӣ ба контексти миллӣ яке аз омилҳои асоситарин арзёбӣ мегарданд, ки дар доираи онҳо аъзоёни гуруҳ ҳамдигарро мешиносанд ва худашонро бо "бегонагон" фарқ мегузоранд. Дар таърихи тоҷикон забони тоҷикӣ ҳамчун як абзори муҳим барои эҷод намудани ҳувият ва ҳамбастагии миллӣ будааст ва қавмҳои гуногуни сокин дар сарзамини Тоҷикистон аз тариқи гуфтор ба забони тоҷикӣ ба ваҳдат расидаанд;

4. Бо баланд рафтани нуфузи забони форсӣ-тоҷикӣ дар Ислом давраи рушди фарҳанг ва таҳқиқоти илмии онҳо шуруъ гардид. Тафаккури тоҷикон дар асоси ин пешравиҳо то асри XIII бо илм тавъам буд ва шумораи зиёди қавму миллатҳои дигар ба омӯзиши забони форсӣ машғул буданд. Забон дар ин ҳолат на танҳо воқеиятро инъикос менамуд, балки онро шарҳу эзоҳ медод ва ба ҳамин васила воқеияти дигареро ба вуҷуд меовард, ки дар он инсон вуҷудияти маънавиашро таъмин менамуд. Барои ҳамин фалсафаи забони тоҷикӣ дар давраҳои таърихии ташаккулёбиаш дар асоси маърифати худи ин забон рушд меёфт: рамз ва тафсиру таъвил ҳамчун усулҳои забони тоҷикӣ барои ифодаи олами воқеӣ ва оламе, ки дар шуури инсон ҷой дорад, барои маърифати асрори ҳар ду олам ва қонуниятҳои рушди онҳо ба кор рафтааст;

5. Фалсафаи тоҷик, ки решаҳои диниашро нигоҳ медошт, ба таври махсус ба Сухан ва забони Сухан пайвастагии устувор дошт. Аммо табиист, ки бо воридшавӣ ба контексти фалсафаи умумиҷаҳонӣ он суннатҳои фалсафаи ҳаётро ривоҷ додан гирифт ва аз тариқи фалсафаи Сухан вазифаи хешро дар ғанӣ гардонидани ҳикмати Худо, олам, инсон ва табиат, дар ягонагии томи робитаҳои онҳо медид. Анъанаҳои таҳлили илмию адабӣ ва ҷусторҳои забони фалсафии тоҷикӣ дар осори фалсафӣ ва адабии мутафаккирон ва шоирони барҷастаи тоҷикон дар нигаҳдошти суннатҳои баёни сухан, усулҳои хосси забони тоҷикӣ дар муқобили муарработи гуногун ва кӯшишҳои пурра ҷорӣ кардани "аҳамият"-и забони арабӣ дар мафкураи мардуми бумии ин минтақа муайян мегарданд;

6. Равандҳои ҷаҳонишавӣ ҳалли масъалаҳоеро талаб мекунад, ки бар асари созмон додани як минтақаи калони робитаҳои тарафайн дар миёни шумораи зиёди гурӯҳҳои мухталифи инсонӣ, ки бо забонҳои гуногун сухан мегӯянд, ба вуҷуд омадаанд. Дурнамои рушди фалсафаи забонро дар таҳқиқоти олимони тоҷик ба самтҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст: аввалан, коркарди консепсияи фалсафаи забон бо дар назардошти таъсири фалсафаи куллӣ, ки забонро ҳамчун абзори ба мероси иҷтимоӣ табдил додан ва моддӣ кардани маълумоти ормонӣ баррасӣ мекунад; сониян, таҳлили фалсафӣ-таърихии ихтилофот ва низоъҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, ки дар пояи онҳо масъалаи забон ба мадди аввал мебарояд; таҳлили иҷтимоӣ-фалсафии таъсири мушкилоти муосири забонӣ ба тафаккури фард ва ҷомеъа; таҳқиқи имкониятҳои таҷдиди кӯшишҳо барои коркарди забони куллӣ дар иртиботот ва иттисолоти байналхалқӣ.

Натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро метавон минбаъд барои иҷрои тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи таърихи фалсафа, мантиқ, забоншиносӣ ва дигар илмҳои

ҷомеашиносӣ, инчунин, ҳангоми таҳия кардани маҷмӯаҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ- методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба таърихи фалсафа, фалсафаи илм ва фалсафаи забон мавриди истифодабарӣ қарор дод.

Илова бар ин, маводи таҳқиқшуда, натиҷа ва хулосаҳои бадастомадаро ҳангоми хондани курсҳои махсус ва тадриси фанни таърихи фалсафаи тоҷик низ истифода намуд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро фаро гирифта, ба он ҳамоҳанг карда шудаанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Каримов Кароматулло Давламадович дар мавзӯи «Фалсафаи забон (дар мисоли забони тоҷикӣ аз асрҳои миёна то имрӯз)» кори илмии комилу анҷомёфта мебошад ва онро метавон барои ҳимоя тавсия намуд.

Дар ҷаласа иштирок карданд 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушода, ҷиҳати ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи Каримов Кароматулло Давламадович ба тариқи зайл сурат гирифт: Тарафдор - 13 нафар; зид - нест, бетараф нест. Суратҷаласаи №3 аз 15.10.2020.

Мудири кафедраи фалсафаи
ДДОТ ба номи С. Айнӣ,
н.и.ф., дотсент — Бердиев Ш.П.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Назаров Д.Қ

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС